# ТАҚСИМОТИ ДОВТАЛАБОН БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ЧӢ ГУНА СУРАТ МЕГИРАД?

Тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимӣ баъд аз санҷишу арзёбии пурраи варақаҳои ҷавобҳо ва муайян кардани балҳои довталабон бо истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ, алгоритм ва барномаи компютерии махсус амалӣ мешавад.

Дар озмуни тақсимот ба ихтисосҳои муассисаҳои таълимӣ танҳо довталабоне роҳ меёбанд, ки вобаста ба навъи ихтисосҳои интихобкардаашон (бо назардошти имтиҳонҳои эҷодию маҳорат, агар ихтисосҳои интихобшуда супоридани ин имтиҳонҳоро талаб кунанд) аз ҳамаи субтестҳои даxдор холҳои гузариши фанниро соҳиб шудаанд.

Дар раванди тақсимоти довталабон аз рӯйи ихтисосҳо ба муассисаҳои таълимӣ чунин омилҳо ба назар гирифта мешаванд: **ихтисосҳои интихобкардаи довталабон ва бартарии интихоби онҳо, нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимӣ, балҳои умумии бадастоварда, балҳои имтиёз (дар ҳолати доштани имтиёз) ва балҳои имтиҳони эҷодӣ ва маҳорат (дар ҳолати супоридани чунин имтиҳон)**.

Тартиби тақсимоти довталабон дар озмуни тақсимот, ки ба воситаи барномаи махсуси компютерӣ сурат мегирад, аз қадамҳои зерин иборат аст:

**Қадами 1. Тартиб додани рӯйхатҳои довталабон**. Дар доираи гурӯҳҳои ихтисосҳо барои ҳар як комбинатсияи ихтисос рӯйхати довталабони онҳоро интихобкарда, ки ба озмуни тақсимот роҳ ёфтаанд, тартиб дода мешавад. Дар рӯйхатҳо номи довталабон аз рӯйи камшавии балҳои умумияшон ботартиб оварда мешавад.

Азбаски ҳар як довталаб имконияти интихоби то дувоздаҳ комбинатсияи ихтисосро дорад, дар ҳолатҳои ибтидоии рӯйхатҳо ҳамон як довталаб метавонад дар рӯйхати довталабони якчанд комбинатсияи ихтисосҳо ҳамчун довталаби шартан тақсимотшуда ҷойгир шавад. Баъд аз анҷоми пурраи раванди тақсимот ӯ танҳо дар рӯйхати як комбинатсияи ихтисос боқӣ монда метавонад.

**Қадами 2. Таҳлили рӯйхати довталабон**. Ҳар як довталаби шартан тақсимотшуда дар рӯйхати комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаи ӯ санҷида мешавад. Дар ҳолати якбора дар якчанд рӯйхат ҷойгир будани номи довталаб номи ӯ танҳо дар комбинатсияи ихтисоси бартарии интихобаш баландтар гузошта шуда, аз рӯйхатҳои дигар муваққатан тоза (ғайрифаъол) карда мешавад ва ба чунин рӯйхатҳо номи довталабони навбатӣ ворид мегардад.

Ин амал то анҷоми коркарди пурраи рӯйхатҳои комбинатсияҳои ихтисосҳо такроран (даври шартӣ) иҷро мешавад. Коркарди рӯйхатҳо то он вақте давом меёбад, ки ё ҳамаи довталабони дар озмуни тақсимот иштироккунанда пурра тақсимот мешаванд, ё мувофиқи нақшаи қабули муассисаҳои таълимӣ ҷойҳои барои комбинатсияҳои ихтисосҳо ҷудошуда пур мешавад.

**Қадами 3. Тартиб додани рӯйхатҳои ниҳоӣ (охирин)-и довталабон**. Дар натиҷаи раванди тақсимот барои ҳар як комбинатсияи ихтисос вобаста ба муассисаҳои таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил рӯйхатҳои ниҳоӣ тартиб дода мешавад. Рӯйхатҳо аз ҷониби директори Марказ тасдиқ гардида, бо маълумоти зарурӣ ба муассисаҳои таълимӣ расман пешниҳод мегарданд.

**Қадами 4. Қабули ҳуҷҷатҳои довталабон дар муассисаҳои таълимӣ**. Комиссияҳои қабули муассисаҳои таълимӣ мувофиқи рӯйхатҳои пешниҳоднамудаи Марказ қабули ҳуҷҷатҳои довталабон, аз ҷумла, ба расмият даровардани парвандаҳои шахсӣ, бастани шартномаҳо ва ғайраро дар асоси қоидаҳои қабул ба роҳ мемонанд. Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ оид ба қабул намудани ин довталабон ба курси якум фармоиш ба имзо мерасонанд.

**Тақсимоти довталаби аз ҳамаи субтестҳо холҳои гузариши фанниро соҳибгардида ба таври зерин сурат мегирад:**

Барномаи компютерӣ натиҷаи тақсимотро аз рӯйи бали умумии бадастоварда ва бартарии интихоби довталаб муайян мекунад. Ин барнома рӯйхати довталабонро месанҷад: агар бали умумии бадастовардаи довталаб ба интихобаш, ки дар рӯйхати комбинатсияи ихтисосҳо дар ҷойи аввал меистад, мувофиқ афтад, довталаб мувофиқи ин интихоб ба донишҷӯйи номзад мешавад (озмуни тақсимотро мегузарад) ва комбинатсияҳои ихтисосҳои боқимондаи ӯро (бо бартариҳои аз 2-юм то 12-ум) ба ҳисоб намегирад.

Дар сурати мувофиқ наомадани миқдори балҳои зарурӣ ба интихоби якум (яъне ба интихоби ихтисос, муассисаи таълимӣ, шакли таҳсил, намуди таҳсил) барномаи компютерӣ натиҷаҳои бадастовардаи довталабро дар рӯйхати довталабон дар комбинатсияи ихтисос бо бартарии 2-юм месанҷад.

Чунин амал – санҷидани натиҷаҳои бадастовардаи довталаб дар рӯйхати комбинатсияҳои ихтисосҳо бо бартарии оянда (2-юм, 3-юм, ..., 12-ум)-ро барномаи компютерӣ давом медиҳад. Кори барномаи компютерӣ то он лаҳзае идома меёбад, ки довталаб:

– ё аз рӯйи ягон комбинатсияи ихтисосҳои интихобкардааш бомуваффақият озмуни тақсимотро гузарад;
– ё бинобар нарасидани балҳои бадастовардааш мувофиқи комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкарда аз озмуни тақсимот намегузарад.

**!** **Дар давраи тақсимот довталаб дигар наметавонад аз рӯйхати ихтисосҳои интихобнамудааш ин ё он ихтисосро интихоб намояд. Зеро тақсимоти довталаб ба ихтисосҳои интихобкарда бо истифода аз алгоритм ва барномаи компютерии махсус (бе таъсири омили инсонӣ) вобаста ба бартарии интихобҳояш, ки дар давраи бақайдгирӣ муайян карда буд, ба роҳ монда мешавад.**

**Тақсимоти донишҷӯёнро ба гурӯҳҳои академӣ аз рӯйи забони таҳсил муассисаҳои таълимӣ бо назардошти нақшаи қабул, балҳои бадастовардаи донишҷӯён ва хоҳиши онҳо анҷом медиҳанд, яъне дар навбати аввал хоҳиши донишҷӯёне ба назар гирифта мешавад, ки нисбат ба дигарон балҳои зиёдтар доранд.**

**!** **Довталаби аз озмуни тақсимот гузашта бояд дар мухлати муқарраргардида ба муассисаи таълимии дахлдор барои бақайдгирӣ ва қабул ҳозир шавад. Дар ҳолати ҳозир нашудан бо сабаби узрнок довталаб вазифадор аст, ки сари вақт (то мухлати муқарраргардида) дар бораи ҳолати зикргардида бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда ба муассисаи таълимии мазкур хабар диҳад, дар акси ҳол ӯ ҷойи худро дар муассисаи таълимӣ аз даст медиҳад.**